Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-079
назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АИ ҶТ

**ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ**
**ба диссертатсияи Қурбонова Руқия Атоевна дар мавзӯи «Ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

**Мутобиқати мавзӯъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзӯи диссертатсияи Қурбонова Руқия Атоевна дар мавзӯи «Ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо шиномсномаи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ), ки ба омӯзиши масъалаи муҳими идеологӣ бахшида шудааст, мутобиқат менамояд.

**Аҳамиятнокии мавзуъ**

Дар ҷомеаи муосир дар шароити ташаккулёбии рукнҳои демократӣ – авлавияти озодӣ ва иштироки халқ дар муносибатҳои идоракунии давлатӣ рушди фаъолияти ниҳодҳои ҷамъиятии сиёсӣ ва намояндагии ҷомеаи шаҳрвандӣ ногузир мебошад. Дар ҳамин асно дар таносуб ба шуурнокӣ ва ё иқтидори дарки сиёсии ҷомеаи шарқ, бахусус минтақа амалисозии ин ҳадафҳо танҳо тавассути ташаккули институти сарварӣ ва ё аз ҷониби халқ интихоб гардидани сарвари бонуфуз имконпазир мебошад.

Ҳамин тариқ, Пешвои миллати ҳамчунин сарвари халқӣ тавонист, ки дар давраи роҳбарӣ пайи амалисозии рукнҳои демократӣ ва таҳкими арзишҳои миллӣ мактаби сиёсии идоракунии худро ташаккул бидиҳад.

Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз рӯзҳои аввали қадам ниҳодан ба арсаи сиёсат ва ташаккули рукнҳои назариявию амалии мактаби сиёсии худ бо рисолати адолатпарварию инсондӯстӣ, худогоҳию худшиносӣ, нексириштию поктинатӣ, садоқатмандию ватандӯстӣ ва созандагию бунёдкорӣ пардохта буд.

Аз рӯзҳои аввали сарварӣ, дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ноябри соли 1992) Пешвои миллат ҳамчун Раиси Шӯрои Олӣ иброз намуда буданд, ки «...мақсаду мароми мо бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ мебошад».

Аз ин рӯ, мавзӯи мазкур, ки заминаҳои назариявию илмӣ ва хусусиятҳои хоси институти Пешвои миллатро дар системаи идоракунии давлатии Тоҷикистон баррасӣ менамояд, барои ҷомеаи муосир аҳамиятнок ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, омӯзиши мактаби идоракунии Пешвои миллат барои

пурмаҳсул ва манфиатнок равона сиёсати давлатӣ дар самти таълиму тарбия, аз ҷумла нисбат ба насли ҷавон, ки дар раванди дигаргуниҳои зуд-зуди ҷомеа, бахусус рақамишавӣ ва ҷаҳонишавии муносибатҳо қарор доранд, саривақтӣ маҳсуб меёбад.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Диссертант зарурат ва аҳаммияти институт ва ё мактаби сиёсии Пешвои миллатро муайян карддаст. Зимнан, заминаҳои иҷтимоию сиёсии ташаккули ниҳоди Пешвои миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аҳаммияти он дар ташаккул ва рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол ба таври оварда дода шудааст, ки дар шароити имрӯзаи муносибатҳои сиёсӣ бисёр муҳим аст.

Муаллиф масъалаҳоро вобаста ба ислоҳоти бунёдии сохтори давлатдории миллӣ, татбиқи консепсияҳо ва барномаҳои стратегии рушд ва таҳаввули сохтори конститутсионии мамлакат натиҷагирӣ намуда, дурнамои инкишофи кишвар ва ҳадафҳои стратегии рушди онро бо дарназардошти мактаби ғании давлатдории Пешвои миллат пешниҳод кардааст.

Дар доираи нуктаҳое, ки ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф хулоса кардааст, ки: (1) падидаи пешвоёни миллӣ ба раванди рушди давлат ва таҳкими суботи сиёсӣ таъсири назаррас дорад. Ин ҷиҳат пешвоёни миллиро аз як падидаи устуравии душвордарк ба шахсияти воқеии қобили дарку таҳлил табдил дода, муносибати оқилонаи илмию амалиро нисбат ба фаъолияти пешвоёни миллӣ эҷод месозад; (2) пешвоёни миллӣ на танҳо ба вазъият таъсир мерасонанд, балки таҳти анъанаҳои хоси замон ва макон равиш, тактикаву стратегияи амал ва муносибати худро ба масъалаҳо, равандҳо ва муҳимтар аз ҳама, нисбат ба омма метавонад дигар намоянд. Ин ҷиҳат тасаввуроти хаторо оид ба «пешвоёни миллӣ – ҳамчун омили шахшудаи таърих» аз байн бурда, тасаввури заруратy афзалияти ин ниҳод барои раҳнамоии дурусту дурбинонаи равандҳои инкишофи ҷамъият эҷод менамояд; (3) ташаккули ниҳоди Пешвои миллат на ба таъйиноти расмӣ, балки ба эътирофи омма алоқаманд мебошад, зимнан, эътирофу ҷонибдории Пешвои миллат аз эътирофи омма ё ба мазмуни дигар, аз поин ба боло сурат мегирад; (4) Пешвои миллат дар фарқият аз мақомҳои дигари роҳбарикунандаи сиёсӣ дорои пайравон аст, на тобеон. Дар низоми роҳбарии сиёсӣ омма мақоми тобеонро соҳибанд, аммо дар мисоли ниҳоди Пешвои миллат шаҳрвандон ва омма пайравон ва ҷонибдорон ба шумор мераванд; (5) ташаккули институти мазкур ба раванди касби таҷрибаи роҳбарӣ ва сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рост меояд, ки батадриҷ дар замони соҳибистиқлолӣ аз Президент ба Сарвари мардумӣ ва ҳамин тавр ба Пешвои миллат табдил ёфт; (6) институти Пешвои миллат бо институти демократия на танҳо мухолифат намекунад, балки имкониятҳои иқтидори институти Пешвои миллат метавонанд барои рушди принсипҳои демократия ва ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ муосидат кунанд; (7) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои бавуҷудой ва тақвияти институти Пешвои миллат на ба тақлид ба ҳолатҳои болозикр, балки дар пояи ниёзҳо, хостаҳои миллат ва эътирофи нақши сарвари сиёсӣ дар ташаккули давлатдории навин, гирифтани пеши роҳи ҳамагуна

таҳдиду хатарҳо ба миллат, муаррифии шоистаи Тоҷикистон дар сиёсати байналмилалӣ ва ғайра алоқаманд мебошанд.

Ин гурӯҳи нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда масъалаҳое мебошад, ки саҳми сарвар ва роҳбарро вобаста ташаккул ва рушди ҷомеа, роҳ ёфтан ба умқи ҳар як шаҳрванд ва дар ниҳоят ба таври як низому муайяни иҷтимоию сиёсӣ пеш бурдани давлатро фаро мегирад ва мақсад мувофиқ мебошанд.

**Дараљаи эътимоднокии натиљањои тањќиќот**.

Дараљаи эътимоднокии натиљањои тањќиќот ба кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқшуда, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ ва интишорот заминаи таҳқиқи диссертатсионӣ асос меёбад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар қисмати муқаддима 7 номгӯи навовариҳо оварда шудаанд, ки се адади он саривақтӣ ва ба талаботи техникаи илмэҷодкунӣ мувофиқ ба ҳисоб меравaнд, аз ҷумла иброз мегардад: «- асосҳои назариявӣ, муҳтаво ва мундариҷаи мафҳуми Пешвои миллат ва таносуби он бо мафҳумҳои дигари ифодакунандаи роҳбарии сиёсӣ муайян карда шудаанд; - аҳамият ва таъсири институти Пешвои миллат дар инъикоси идеяи миллӣ, алоқамандии падидаи Пешвои миллат бо такмилу тақвияти мазмуниву шароити амалишавии идеяҳои миллӣ нишон дода шудаанд; - ислоҳоти бунёдии тамоми сохтори давлатдории миллӣ, татбиқи консепсияҳо ва барномаҳои стратегии рушд ва таҳаввули сохтори конститутсионии мамлакат бо дарназардошти далелҳои муътамад ва ҳолати воқеии пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷагирӣ карда шудаанд» (с.11).

Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки боби аввали он асосан хусусияти назариявӣ дошта, ба таҳлилу омӯзишҳои **заминаҳои ташаккули ниҳоди пешвои миллат дар низоми идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ** равона гардидааст.

Дар параграфи 1.1. муаллиф зикр кардааст, ки « ...зуҳури «пешво» таърихи қадимаро соҳиб буда, бо падидаи «ҳокимият» иртиботи қавӣ дорад». Дар ҳамин ҷо «дар давраҳои гуногун Геродот ва Плутарх масъалаҳои васеи нақш ва ҷойгоҳи сарварон ё пешвоёнро, аз ҷумла «Николо Макиавелли – нақши пешвои сиёсӣ дар таърихи башарият, Томас Карлайл – нақши сарвар, пешво ва воситаҳои муттаҳид сохтани ҷомеа, нигоҳ доштани тартибот ва ҳифзи ҳокимият, Ралф Валдо Эмерсон – сарварону пешвоёни сиёсӣ ҳамчун шахсиятҳои барҷаста, таърих ҳамчун маҳсули эҷоди шахсиятҳои барҷаста, Фридрих Нитше – ғояи супермен, Габриэл Тард – тақлид ба сарвару пешво ҳамчун қонуни иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор додаанд»« (с.16)

Дар воқеъ нақш ва таъсири сарвар ва ё пешво дар ҳаёту фаъолияти халқи тоҷик аз қадимулаём барҷаста буд, ҳамин аст, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ ному нишон ва ё шоҳкориҳои пешвоёни миллати тоҷик ба мисоли Куруши Кабир ва Исмоили Сомонӣ ҷовидон монда, шиносномаи халқи тоҷик гардидаанд.

Диссертант кушиш кардааст, ки мафҳуми «Пешвои миллат»-ро таълиф карда бошад. Зимнан, муайн кардааст, ки «...ташаккули Пешвои миллат на ба таъйиноти расмӣ, балки ба эътирофи омма алоқаманд мебошад.». Дар ҳамин ҷо «...ниҳоди Пешвои миллат дар фарк аз мақомҳои дигари роҳбарикунандаи сиёсӣ дорои пайравон аст, на тобеон» (с.20). Ба ин далелнокӣ воқеан мувофиқем, чун пешво ин на танҳо мансаб, балки эътимоди халқ аст ва он бештар аз шахсони ҳамқадам ва ҳамақидаю пайрав маншаъ мегирад. Аммо дар ин қисмат камбудӣ дар он изҳор мегардад, ки механизми муайяне баҳри истифодаи ниҳоди мазкур дар ҷомеа нишон дода нашудааст.

Дар параграфи 1.2. заминаҳои таърихию сиёсии ташаккули ниҳоди Пешвои миллат ва хусусиятҳои он баррасӣ карда шудааст.

Муаллиф вобаста ба накши таърихии пешво муайян кардааст, ки «Аз таърихи даврони бостон Курӯши Кабир ва аз таърихи асрҳои миёна Исмоили Сомониро метавон ёдовар шуд, ки дар сарнавишти таърихии ҳамқавмони худ дигаргунии ояндасози сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ ба вуҷуд овwarданд, ки барои пешрафту тараққиёти беназири давлату миллат роҳро ҳамвор намудааст.» (с.44).

Дар ҷойи дигар иброз мегардад, ки «19 ноябри соли 1992, дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси Шурои Олӣ интихоб шуд. Ин иҷлосия ҳодисаи таърихӣ дар Хуҷанд ва Иҷлосияи таърихии сарнавиштсоз номида мешавад. 6 ноябри соли 1994 бошад, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб шуд. Ҳамин тавр, ба сари қудрат омадани Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рӯйдоди муҳимтарин дар таърихи халқи тоҷик мебошад» (с.47-28).

Дар ҳақиқат оғози мактаби идоракунии Пешвои миллатро метавон аз Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифт, ки он вақт на танҳо масъалаҳои идоракунии мамлакат, балки пешгирии ҳолати азбайнравии давлат ва ба ваҳадат вардани ҷомеа баррасӣ мегардиданд ва маҳз ҳамин масъалаҳо аз гурӯҳи ниҳодҳои аввалин ин мактаб арзёбӣ мегарданд.

«Муҳимтарин нукта дар баррасии накшу аҳамияти мактаби сиёсии Пешвои миллат дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ин аст, ки мактаби сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳимтарин омили шакл гирифтани шахсияти Сарвари давлати Тоҷикистон ҳамчун Пешвою Роҳнамои миллат мебошад» (с.65).

Дар ин паргараф яке аз масъалаҳои муҳимми таърхӣ, ки ба ташаккулёбии мактаби сиёсии Пешвои миллат рабт дорад ва дар воқеъ аҳамияти созандагӣ ва идеологӣ дорад, - фаъолияти роҳбарӣ дар Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баррасӣ нагрдидааст.

Параграфи 1.3.-и дисертатсия ба инъикоси мазмуни идеяи миллӣ ва ниҳоди Пешвои миллат дар низоми идоракунии ҳаёти ҷамъиятӣ бахшида шудааст.

Муаллиф мафҳуми идеяи миллиро ҳамчун ифодакунандаи андешаи ягона – расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа маънидод кардааст (с.71). То ҷое ба ин мафҳум мувофиқ ҳастем,

аммо чун ҷомеаи демократии мо тибқи асосҳои конститутсионӣ ва сиёсӣ самти гуногунандеширо ихтиёр кардааст, мо наметавонем андешаи ягона дошта бошем. Шояд муаллиф дир инҷо ҳадаф ва ё рислоати ягона доштанро дар назар гирифта бошад.

Дар ҳамин параграф муаллиф хулоса менамояд, ки «Консепсияи Пешвои миллат ва ё ба истилоҳи дигар, асли институти Пешвои миллатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон он арзишҳое фаро мегиранд, ки дар маҷмуъ мазмуни комили идеяи миллиро инъикос мекунанд.» (с.75) – ба ин мафҳумгузорӣ пурра мувофиқем.

Дар боби 2 ниҳоди Пешвои миллат ҳамчун навгонӣ дар низоми сиёсии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Параграфи 2.1. нақши Пешвои миллатро дар таъмини суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Муаллиф иброз мекунад, ки «вақте дар Тоҷикистон ҷанги дохилӣ сар зад ва давлат ба таъбире амалан «дар рӯйи қоғаз» боқӣ монд, кафолати на танҳо ояндаи дури кишвар, балки як рӯзи онро касе дода наметавонист, сарвари ҷавону қавиирода Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозир шуд ва қотеъона изҳор дошт, ки «ман ба шумо сулҳ меоварам»« (с.97). Ба ин баррасӣ пурра мувофиқем, воқеан кам кишварҳое ҳаст дар ҷаҳон, ки дар муддати кутоҳ оташи ҷанги шаҳрвандиро хомуш карда бошанд, маҳз хирадмандӣ ва заҳмати шабонарӯзии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки мо тавонистем сулҳу суботро ба даст орем.

Дар интиҳои параграфи мазкур хулоса мегардад, ки «Дар маҷмуъ, ба вуҷуд овардани идеяи миллӣ, ифтихори ватандорӣ, дурандешӣ, ҳисси баланди масъулият ва қотеияту матонат ба Роҳбари давлати тоҷикон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, ки дар роҳи хотима бахшидан ба низоъ ва хусумати дохилӣ, таҳкими сулҳу сафо ва ваҳдати ростин миёни мардуми кишвар комёб гарданд. Хираду заковати суннатӣ боло гирифта, роҳ ба сӯи созандагӣ ва шукуфоии минбаъдаи Тоҷикистони азиз ҳамвор гардид. Барои расидан ба ин рӯз душвориҳои зиёде пушти сар шуданд, вале дар ниҳояти кор мақсад ва ҳадафҳои волои миллӣ ба даст омаданд» (с.117). Дар ин қисмат (интиҳои параграфи 2.1.) хулосаҳо оварда шуда, тавсияҳо пешниҳод нагардидаанд, хуб мешуд, агар иҷрои ин талаботи техникаи илмӣ таъмин мегардид.

Дар параграфи 2.2. мавзуи «Пешвои миллат ва татбиқи барномаҳои стратегии рушди мамлакат» баррасӣ гардидааст.

Дар параграфи мазкур муаллиф мушкилоти иқтисодию иҷтимоии ба Тоҷикистон бор гардидаро дар давраи аввали соҳибистиқлолӣ баррасӣ намуда, иброз медорад, ки «Яке аз сабабҳои муваффақияти таҳаввулоти раванди инкишофи давлат нисбат ба ҳамаи соҳаҳои рушд дидгоҳи стратегӣ доштани Пешвои милат мебошад. Ин имкон дод, ки дар ҳошияи вақти мушаххас ва муайяни таърихӣ масъала ва мушкилоти зиёди иқтисодию сиёсӣ ҳаллу фасл карда шаванд» (с.121). Воқеан ҳам маҳз пайгирии пайвастаи Пешвои миллат буд, ки Тоҷикистон тавонист дар муҳлати барои таърих начандон тулонӣ ба заминаҳои муайяни стратегии иқтисодию иҷтимоӣ соҳиб гардад.

Дар интиҳои параграфи мазкур низ – «Дар маҷмуъ, ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии рушди кишвар кори осон набуд. Раванди мазкур ҳамкории кишварро бо ҷомеаи байналмилалӣ тақвият бахшид ва пешрафти назаррасро аз рӯи нишондиҳандаҳои максадноки ҳадафҳои рушди устувор таъмин намуд. Дар ҷомеа ҳанӯз масъалаҳои зиёде ҳалли худро интизоранд, зеро ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ як раванди бемаҳдуд аст, ки пайваста ба ислоҳот ва беҳбудӣ ниёз пайдо мекунад, вале нуктаи муҳим он аст, ки Тоҷикистон душвортарин марҳалаи гузаришро бо роҳбарии Пешвои миллат паси сар кард ва аз ин пас батадриҷ зиндагии аҳолӣ рӯ ба беҳбудӣ хоҳад гузошт» (с.145) – тавсияҳо оварда нашудаанд, хуб мешуд, агар масъала мавриди таваҷҷуҳ қарор мегирифт.

Дар параграфи 2.3. саҳми Пешвои миллат дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ баррасӣ гардидааст.

Дар ин параграф муаллиф ташаббусҳои Пешвои миллатро, аз қабили узвият ба беш аз 80 созмони минтақавию байналмилалӣ, сулҳи муваффақона ва оштии миллӣ, сиёсати «дарҳои кушода», соли 2003 - «Соли оби тоза», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» ва ғайраро баррасӣ намудааст, ки ба мақсад мувофиқ аст (с. 147-149).

Дар ҳамин ҷо иброз мегардад, ки «Бо шарофати ин сиёсати муваффақи роҳбари дурандеш Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон мавқеи худро дар сиёсати байналмилалӣ ва ҳаллу фасли мушкилоти глобалӣ мустаҳкам намуда, ба доираи ҳамкории худ давлатҳои бисёрро ворид кард ва бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ тавозуни муносибатҳо ва манфиатҳои худро таъмин гардонид» (с.161), - пурра мувофиқем.

Дар қисмати «Хулоса» муаллиф чанде тавсияҳоро ҳамчун натиҷаи таҳқиқот нишон додааст, ки ба онҳо мувофиқем.

**Аҳамияти назариявӣ, амалӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии таҳқиқот**

Таҳқиқоти мазкур аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд, ҳангоми таҳқиқоти минбаъдаи институти Пешвои миллат, мактаби сиёсии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар раванди таълим, зимни хондани лексия, курсҳои махсус дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, барои хизматчиёни давлатӣ ҳангоми бурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ, судманд бошанд.

Маводҳои пешниҳодгардида ҳангоми таҳияи маҷмуи корҳои тарғиботӣ, иҷтимоӣ ва амалӣ миёни аҳолӣ оид ба нақшу мақоми Пешвои миллат дар бунёди давлатдории навин, ташаккули симо ё имиҷи мусбати давлат, ҳалли мушкилоти иҷтимою иқтисодӣ ва болобарии сатҳи некӯаҳволии омма дар Тоҷикистон метавонанд истифода шаванд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои асосии диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар семинарҳо ва конфронсҳои илмию назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ дар шакли маъруза ироа гардидаанд. Аз рӯи мавзӯи диссертатсия муаллиф 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйидшуда нашр намудааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба талаботи муқarrаргардида**

Натиҷаҳои таҳқиқот дар монографияҳо ва мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардидаанд. Автореферати диссертатсия муҳтавои таҳқиқотро ифода менамояд.

**Эродҳо ва норасогиҳои таҳқиқот**

Албатта, дар баробари муваффақиятҳо гурӯҳи камбудиҳо дар кори диссертатсионии Қурбонова Руқия Атоевна ба назар мерасанд:

1. Хуб мебуд, агар дар диссертатсия натиҷаҳо ва навовариҳо дар шакли модели хос, яъне татбиқи пайдарпайӣ (дар оянда) оварда мешуданд ва ё механизми истифодаи самараноки ҳадафи гузошташуда нишон дода мешуд;

2. Дар кори тадқиқотӣ, аз ҷумла дар параграфи 1.2. яке аз масъалаҳои муҳимми таърхӣ, ки ба ташаккулёбии мактаби сиёсии Пешвои миллат рабт дорад ва дар воқеъ аҳамияти созандагӣ ва идеологӣ дорад, - ҳамбастагии ниҳоди Пешвои миллат ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон баррасӣ нагрдидааст.

3. Муаллиф мафҳуми идеяи миллиро ҳамчун ифодакунандаи андешаи ягона – расидан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ ва шароити мусоиди иҷтимоӣ барои ҳар фарди ҷомеа маънидод кардааст (с.71). Аммо чун ҷомеаи мо тибқи асосҳои конститутсионӣ ва сиёсӣ самти гуногунандеширо ихтиёр кардааст, мо наметавонем андешаи ягона дошта бошем. Шояд муаллиф дар инҷо ҳадаф ва ё рислоати ягона доштанро дар назар гирифта бошад;

4. Дар интиҳои параграфҳои 2.1. ва 2.2. хулосаҳо оварда шуда, тавсияҳо пешниҳод нагардидаанд. Хуб мешуд, агар иҷрои ин талаботи техникаи илмӣ таъмин мегардид;

5. Дар матни диссертатсия баъзан хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ дида мешаванд, рақамгузории саҳифаҳо низ, ба мундариҷа мутобиқат намекунанд.

Аммо дар маҷмуъ хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасогиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонад. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо, инчунин дар заминаи таҳлили воқеияти сиёсии ҷомеа вобаста ба таҳкими истиқлолияти давлатӣ хулоса ва пешниҳодҳои хос таҳия намудааст.

Ҳамин тариқ, **диссертатсияи Қурбонова Руқия Атоевна дар мавзӯи «Ташаккули институти Пешвои миллат дар системаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ)**, ки ба омӯзиши масъалаи муҳими идеологӣ бахшида шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Мавзӯи диссертатсия, мазмуну мундариҷаи он, методҳои истифодашуда, маводҳои чопнамудаи муаллиф бо ихтисоси интихобнамудаи ӯ мувофиқат менамоянд. Сохтори диссертатсия ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи низомномаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Бо назардошти муҳтавои асосии диссертатсия ва аз рӯи интишороти муаллифи он метавон хулоса намуд, ки Қурбонова Руқия Атоевна барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**


МИРАЛИЁН ҚИЁМИДДИН АБДУСАЛИМЗОДА,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессори
кафедраи сиёсатшиносӣ ва робита бо ҷомеаи
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / /

«02» 09 с.2025

**Суроғаи роҳбари илмӣ**:
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к. Гулистон, 323
Тел.: +992 550670660
E-mail: qmiraliyon@gmail.com
Сомона: https://miraliyon.page/


Имзои Миралиён Қ. А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / / Насруддинзода А.

«02» 09 с.2025


**Суроға**:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, к. Саид Носир, 33
Тел.: +992 372 241786